«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, профессор
Гулназарзода Ж.Б. ________________
аз «28» ______________ соли 2026

# ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Диссертатсияи Чой Миҳи дар мавзуи «Таҷассуми паремияҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) дар кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Чой Миҳи докторант (PhD)-и Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба шумор мерафт.

Чой Миҳи 24 майи соли 1961 дар шаҳри Тегуи Кореяи Ҷанубӣ таваллуд шудааст. Пас аз хатми мактаби миёна ба Донишгоҳи Кемёнги Кореяи Ҷанубӣ дохил шуда, онро соли 2004 хатм намудааст.

Аз соли 2005 дар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳозира Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода) ба ҳайси омӯзгори фанни забони куриёӣ кор ва фаъолият намудааст. Аз соли 2011 то ҳол дар маркази забономӯзии Шоҳ Сеҷонг, ки дар назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ҷойгир аст, ба ҳайси роҳбари марказ фаъолият намуда истодааст.

Номбурда бо фармоиши ректори ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода №283-3д аз 31.08.2022 ба ҳайси доктор (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300

– Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) қабул шуда, онро 25.06.2025 бо фармоиши №273-4д хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 27 январи соли 2023, №6/3-3 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмии Чой Миҳи доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Ҷамшедов Парвонахон мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои ҷорӣ ва имтиҳони маҷмуии докторант соли 19.12.2025, №15 аз ҷониби Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дода шудааст.

Диссертатсияи Чой Миҳи дар ҷаласаи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода 27-уми январи соли 2026, суратҷаласаи № 6/2 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Чой Миҳи дар мавзуи «Таҷассуми паремияҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ» чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати ихтисос бо номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия**. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) мутобиқат мекунад.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Мавзуи диссертатсия ба "Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Маводди илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ роҷеъ ба тасвири забонии ҷаҳон дар паремияҳои забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ дар назария ва амалияи омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар муқоиса бо забони тоҷикӣ метавонад мусоидат намояд. Ҳамзамон, натиҷаҳои амалии таҳқиқ барои мутахассисони соҳаи забоншиносӣ ҳамчун дастури илмию амалӣ ба ҳисоб меравfamiliar.

Ҳамчунин, мавод, хулоса ва натиҷагириҳои диссертатсия метавонанд, ҳангоми таҳия ва хондани курсҳои лексионӣ доир ба забоншиносии муқоисавӣ, типологияи муқоисавӣ ва назарияи тарҷума, ҳангоми тадриси курсҳои махсус барои донишҷӯён, магистрантҳо, докторантҳо (PhD) ва мутахассисон ҷиҳати навиштани корҳои илмӣ оид ба мавзуи забоншиносии муқоисавӣ, инчунин, ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ истифода шаванд.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсия дар ироаи маърузаву гузоришҳо дар конференсия ва семинарҳои ҳамасолаи илмиву назариявии ҳайати профессорон ва устодони Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертатсия ва нуктаҳои асосии таҳқиқ дар шакли мақолаҳои илмӣ ва натиҷагириву хулосабарориҳои таҳқиқ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои онро собит менамоянд. Мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии муҳаққиқ** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар диссертатсия паремияҳои забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ аз нигоҳи муқоиса таҳлилу баррасӣ гашта, тасвири ҷаҳонии ин халқҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Маводди назариявӣ ва амалии ҷамъоваринамудаи муаллиф арзиши баланди илмӣ дошта, барои ҳалли як қатор масъалаҳои мавҷудаи забоншиносии муқоисавӣ саҳми арзанда мегузоранд.

Бо мақсади мутобиқ намудани номи диссертатсия бо муҳтавои он ҷиҳати фарогирии ҷанбаҳои тасвири забонии ҷаҳон дар паремияҳои ду забон ва тибқи талаботи роҳнамо барои довталабони дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) (бюллетени Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тахти №2 (30) аз соли 2024, саҳифаи 42) номи дақиқкардашудаи диссертатсия дар шакли “Тасвири забонии ҷаҳон дар паремияҳои забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ” пешниҳод карда шуд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Чой Миҳи дар мавзуи “Тасвири забонии ҷаҳон дар паремияҳои забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ” ба ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз муқаддима 3 боб, 12 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 2, 06 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

1. Чой Миҳи. Таҳлили муқоисавии зарбулмасалҳои куриёӣ ва тоҷикӣ дар бораи нутқ / Чой Миҳи // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи

Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2019. – №1/2 (62). – С. 30-34.

2. Чой Миҳи. Общие особенности корейских и таджикских пословиц / Чой Миҳи // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №1 (78). – С. 115-118.

3. Чой Миҳи. Таҳқиқи муқоисавии зарбулмасалҳо оид ба саг дар забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ / Чой Миҳи // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №5 (82). – С. 33-37.

**II. Мақола ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

4. Чой Миҳи. Гендерные стреотипы в паремиях корейского языка / Чой Миҳи // Маводди конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Забон ва адабиёти рус дар шароити муосир". – Душанбе, 2021. – С.89-99.

5. Чой Миҳи. Паремии с лексемой «сердце» в русском и корейском языках / Чой Миҳи // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ дар замони муосир". –Душанбе, 2022. – С. 354-358.

6. Чой Миҳи. Ташаккул ва инкишофи зарбулмасал дар забони тоҷикӣ / Чой Миҳи // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи: "Масъалаҳои мубрами омӯзиши забонҳои хориҷӣ (русӣ, англисӣ ва хитойӣ) дар шароити муосир". – Кӯлоб, 2021. – С. 19-24.

7. Чой Миҳи. Пословицы и поговорки в корейском языке: Семантический анализ / Чой Михи // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Забон ва адабиёти рус дар мамолики Осиёи Миёна». – Душанбе, 2025. – С. 351-354.

Ҷаласа қарор кард:

1. Диссертатсияи Чой Миҳи дар мавзуи «Тасвири забонии ҷаҳон дар паремияҳои забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) кори анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Чой Миҳи дар мавзуи «Тасвири забонии ҷаҳон дар паремияҳои забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода санаи 27-уми январи соли 2026 протоколи №6/2 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 13 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 13 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи забоншиносии муқоисавӣ
ва назарияи тарҷумаи ДБЗХТ ба номи
С.Улуғзода, доктори илмҳои
филологӣ, профессор — Соҳибназарзода Ҳавасмоҳ Тилло

Котиби илмии ҷаласа:
доктори фалсафа (PhD), дотсенти
кафедраи забоншиносии муқоисавӣ
ва назарияи тарҷумаи ДБЗХТ
ба номи С. Улуғзода — Маҳмудзода Миҷгонаи Абдулваҳоб

Имзоҳои Ҳ.Т. Соҳибназарзода ва М.А. Маҳмудзодаро
тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода — Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна